# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи: «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ**

Таҷрибаи таърихӣ ва иҷтимой-фарҳангӣ гувоҳи он аст, ки халқияту миллатҳое, ки дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳаёт ба сар мебаранд, тамоми норасоиҳою низоъҳоро паси сар карда, дӯстона зиндагӣ доранд ва ба хотири инкишофи ҳаматарафаи ҷомеаи тоҷик кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодаанд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бошад, рушду инкишофи фарҳанги миллӣ яке аз шартҳои асосии муътадил инкишоф ёфтани ёфтани ҷомеаи тоҷик буда, яке аз воситаҳои асосии пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад.

Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Аҳмад ҳаматарафа баррасӣ гардида, бо далелҳои илмӣ асоснок карда шуда, қайд карда мешавад, ки омӯзиш ва таҳқиқи хатари ифротгароии динӣ-мазҳабӣ ба фарҳанги миллӣ, ҳамчун падидаи номатлуби иҷтимоии аҳаммияти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ дорад. Аҳаммияти омӯзиши автореферат дар он дида мешавад, ки тибқи таълимоти як қатор гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ, ки худро ҳомии манфиат, фарҳанг ва забони халқиятҳои алоҳида вонамуд карда, дар асл манфиатҳои сирф динӣ-сиёсӣ ва ифротгароии худро пайгирӣ мекунанд, ҳаматараф омӯхта шудааст.

Аз автореферат маълум мегардад, ки дар шароити имрузаи инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ ифротгароии динӣ ба фарҳанг, худшиносии миллӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеа таъсир расонида, бо ҳамин роҳ ҳамчун раванди зудпаҳншаванда тарафдорони зиёдро ба миён меорад. Ин масъалаҳоро таҳлил намуда, диссертант қайд мекунад, ки сабабҳои асосии зуҳури ифротгароии динӣ коҳиш ёфтани шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равонии ҳаёти ҷомеа буда, аз ин шароити ҷомеа гурӯҳҳои ифротии динӣ-сиёсие, ки аз ҷониби кишварҳои абарқудрат дастгирӣ меёбанд, истифода мебаранд.

Натиҷагирию таҳлилу диссертант аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки сохтори диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои пешниҳодшуда барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй буда, аз муқаддима, ду боб, шаш

зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт и иборат мебошад. Дар муқкадима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи илмии коркарди мавзӯъ, навоварии илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети тадқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмии диссертатсия пешниҳод карда шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Омилҳои пайдоиши равияҳои ифротгароии муосири динӣ ва таълимоти зиддимиллии онҳо»** ном дорад, қайд карда мешавад, ки ифротгароёну тундравони исломӣ ҷиҳоди худро барои он муқаддас меноманд, ки мусалмон ҳаргиз набояд ба ғайримусалмон итоат кунад ва агар итоат кунад, пас ҳама талошҳои мусалмон дар роҳи Ҳақ ва ҳақиқат бенатиҷа аст: намозу рӯза, дуову закот ва дигар аъмоли парҳезгории ӯ аз ҷониби Худованд пазируфта нахоҳад шуд, зеро ӯ на ба Худованд ва қонунҳои шариат, балки ба кофирон итоат мекунад. Нуқтаи муҳими гуфтори диссертант аз он иборат аст, ки ифротгароён ҳамеша як ҳадаф доранд – сарнагун кардани ҳукумати номатлуб ва ташкили режими ифротӣ (ҳамон режиме, ки абарқудратҳо барои ба даст овардани манфиатҳои хеш ба онҳо дикта мекунанд). Барои асосноккунии маънавии амалҳои худ, онҳо ба эътиқоди бунёдсозии ҷомеаи ягонаи қонунии иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва динии ҳамаи одамони ҷаҳон – ҷомеаи мусулмонон («уммат»), ки бо ҳудудҳои ҷуғрофӣ маҳдуд нахоҳад буд, такя мекунанд.

Боби дуюм **«Хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ»** ном дошта масъалаҳои роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ таҳлил гардида, таҳлил карда мешаванд. Диссертант қайд менамояд, ки сабабҳо ва омилҳои муҳимми ба фаъолияти ифротгароӣ рӯй овардани одамон дар кишвар, поён рафтани сатҳи зиндагӣ дар солҳои 90-уми асри XX ва бад гардидани дурнамои иҷтимоии аксарияти аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ин далел одамонро маҷбур сохт, ки роҳи раҳоиро ҷустуҷӯ намоянд. Дар чунин вазъият одамон, пеш аз ҳама, ба созмону ташкилотҳои оппозитсионӣ руй меоранд, ки дар ин созмону ташкилотҳо ба сифатҳои ахлоқӣ ва зеҳнии шахсият такя наменамоянд. Диссертант иброз менамояд, ки ташаккул ва инкишофи созмону ҳаракатҳои ифротгароӣ-террористӣ бешубҳа маҳсули мухолифати геополитикии абарқудратҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, дар баъзе ҳолатҳо, ба хотири ҳалли вазифаҳои муайяни геополитикӣ, чунин созмону ташкилотҳои ифротгароӣ-террористӣ ба таври сунъӣ ташкил карда мешавад

Паҳлуи дигари фарқкунандаи автореферат аз он иборат аст, ки диссертант дар баробари таҳлили мавзуи баррасишуда, хулосаҳоеро пешниҳод мекунад, ки онҳо дар ҳалли мавзуи баррасишаванда метавонанд кумак намоянд. Қайд карда мешавад, ки ғояҳои ифротгарой, ки дар даврони муосир бисёр густариш ёфта, ҷавонони дилсофу дилпоки Ватанро бо роҳу воситаҳои гуногун гумроҳ сохтаву ба коми худ кашида истодааст, имкон дорад, ки ба ин восита оромии кишварамонро барҳам занад ва ба ваҳдати миллию амнияти давлату миллати соҳибистиқлоламон таҳдидҳои ҷиддӣ ворид созад.

Дар умум автореферати Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, тадқиқоти баанҷомрасидаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мақсад ва вазифаҳои гузоштаи диссертант ҳали худро ёфта, натиҷаҳои ба даст овардашуда асоснок карда шуда, аҳамияти назариявии тадқиқот барои доираи васеъи кормандони соҳаи дин, фарҳанг ва масъалаҳои манфиатовар мебошанд.

Новобаста аз муваффақиятҳо, дастоварду далелҳои илмӣ кори диссертатсионии Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа аз таклифу пешниҳодҳо орӣ нест ва онҳоро метавон ба таври зайл иброз намуд:

1. Дар боби якум ва зербобҳои он дар баробари шарҳ додан равияҳои муосири ифторгароии динӣ, инчунин заминаҳои назариявӣ ва таърихии онро низ бояд шарҳ дод.
2. Дар зербобҳои диссертатсия дар баробари шарҳу маънидод кардани мафҳум ва моҳияти ифротгароии динӣ, инчунин моҳияти мафҳуми фарҳанги миллӣ низ таҳлил карда мешуд.
3. Диссертант аз хатогиҳои имлой низ орӣ нест ва онҳоро бояд ислоҳ намуд

Камбудиҳои қайдгардида моҳияти илмии диссертатсияро паст накарда, ҳамчун пешниҳод ба ҳисоб рафта, он кори ба анҷомрасида ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи: **«Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ»** барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ, ба талаботҳои пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст мувофиқат карда, муаллифи он, бешак барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ сазовор мебошад.

Тақриз ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар кафедраи фалсафаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 14.06. 2023 сол, протоколи №6 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Мудири кафедраи фалсафаи**
**Раёсати Академияи миллии илмҳои**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа. Мирзоев Ғ. Ҷ.**

**Имзои Ғ.Мирзоевроро тасдиқ мекунам:**
**Мудири Шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси АМИТ М.Муродова**

**Нишона:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел.: +992(37) 221-58-16
E-mail:Gaffor-1964@mail/ru